# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҷеъ ба диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло ба таҳқиқи хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ бахшида шуда, дар заминаи он ашъори шоир ҳамчун намояндаи насли солҳои охири садаи бист ва даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки он ба сифати нахустин пажуҳиш ва баррасии муфассали илмӣ дар омӯзиши назми муосири тоҷик, истифодаи арузи нав дар шеър ва, хусусан, осори гуногунсамту фарогири Алимуҳаммад Муродӣ мусоидат менамояд. Инчунин, он ба дақиқу равшан намудани хусусиятҳои назми муосири тоҷик, муқаррар намудани имконоти арузи нав дар назм, ки паҳлуҳои гуногуни ашъори Алимуҳаммад Муродиро фаро гирифтаанд, мусоидат менамояд.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, аз интихоби мавзуъ ва гузориши масъала бармеояд. Диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи мукаммалу муфассал оид ба зиндагинома, осор ва мундариҷаву сабки бадеии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ мебошад. Аз таҳқиқи ҳолнома ва осори Алимуҳаммад Муродӣ бармеояд, ки  дар тасвири ҳаёти иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи намоёнро касб намуда, дар ташаккули назми нимаи дуюми садаи XX ва адабиёти даврони Истиқлоли тоҷик нақши босазо гузоштааст. Тасвири бадеӣ дар самти арузи нав ва эҷоди силсилаи шеърҳо аз ҷониби ӯ диққатҷалбкунанда мебошад. Эҷоди шаклҳои суннатии шеър аз вижагиҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ба ҳисоб рафта, шоир намунаҳои

барҷастаи чунин шеърҳоро офаридааст ва бо ин маҳорати худ дар адабиёти давраи навин ҷойгоҳи муносиб дорад.

Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро ҳангоми таълифи китобҳои дарсии макотиби миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён, магистрантон ва аспирантони факултетҳои филологию рӯзноманигорӣ ёрӣ расонда метавонад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсияи анҷомёфта дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти

масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

| | |
|---|---|
| – **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович** | – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ; |
| – **Қурбонзода Маҷид Абдулҳамид** | – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. |

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Сироҷиддини Эмомалӣ

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Низомӣ Муҳриддин Зайниддин

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович

11.07.2025.